# Силсилаи тарбияи фарзандон, қисми ҳафтдаҳум: ҳукмҳои алоқаманд ба кӯдаки ширхор, Ҳукми пешоби кӯдаки ширхор ва тарзи пок намудани он

سلسلة تربية الأولاد, القسم السابع عشر: عن حكم بول الرضيع و طريقة تطهيره

< Тоҷикӣ - Tajik – الطاجيكية >

Таҳия: Ҳақназаров Тоҳир

إعداد: حقنظراو طاهر

# Силсилаи тарбияи фарзандон, қисми ҳафтдаҳум: ҳукмҳои алоқаманд ба кӯдаки ширхор, Ҳукми пешоби кӯдаки ширхор ва тарзи пок намудани он

Дар «Саҳеҳ»-и Муслим чанд ҳадис аз аҳодиси набавӣ дар бораи чигунагии шустани пешоби кӯдаки ширхор ривоят шудааст, аз он ҷумла:

1. Аз Оиша (р) ривоят шуда, ки: *«Аъроб навзодони худро назди Пайғамбар (с) меоварданд, то ин ки даҳони ононро ширин кунанд. Рӯзе навзоде бар либоси он ҳазрат (с) пешоб кард, он ҳазрат (с) об хоста, онро бар пешоби кӯдак рехтанд ва дигар онро нашустанд».*

2. Дар ривояти дигар аз Оиша (р) омадааст: *«Кӯдаки ширхореро назди он ҳазрат (с) оварданд ва дар оғӯши он ҳазрат (с) пешоб кард. Билофосила он ҳазрат (с) об хостанд ва бар он рехтанд».*

3. Дар ривоят омадааст: *«Уммиқайс, духтари Муҳсин, писари ширхори худро, ки ҳанӯз ғизои маъмулӣ намехӯрд, назди Пайғамбар (с) овард. Он ҳазрат (с) ӯро рӯи рони худ гузоштанд ва кӯдак бар либоси он ҳазрат (с) пешоб кард, аммо он ҳазрат (с) фақат об бар рӯи он рехтанд».* Дар ривояти дигар омадааст: *«Он ҳазрат (с) об хостанд ва бар он пошиданд».* Ва дар ривояте дигар низ омадааст: *«Он ҳазрат (с) об хоста, онро бар либоси худ пошиданд ва дигар онро нашустанд».*

Назари имом Шофеъӣ дар бораи пешоби кӯдаки ширхор ин аст, ки бар он об пошида шавад, аммо Абуҳанифа ва Молик бар ананд, ки бояд шуста шавад.

Аммо ҳамаи ин пешвоён иттифоқи назар доранд бар ин ки худи пешоб наҷас аст, ҳамчунонки Имом Нававӣ чунин мавзӯеро нақл кардааст.[1]

[1]. Шарҳи Саҳеҳи Муслим, боби Ҳукму бавли-т-тифли-р-разиъ ва кайфияту ғаслиҳи».